«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, дотсент
_____________ Гулназарзода Ж.
«14» 04 соли 2021

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳаида ба диссертатсияи Султонова Сурайё Абдурашидовна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии доиишҷӯёи дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Ҷумҳурии Тоҷикистои», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Султонова Сурайё Абдурашидовна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба ҳаллу фасли проблемаи мубрами муосир – роҳу воситаҳои ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ бахшида шудааст. Баррасии ин масъала дар замони муосир дар баробари дигар соҳаҳои ҳаёт, дар назди муассисаҳои таълимӣ, олии касбӣ, маориф, коллективҳои омӯзгорӣ талаботҳо ва вазифаҳои нав гузошта, боз ҳам аҳамияти баландро касб карда истодааст, ки муваффақият дар тарбияи насли муосири шоиста аз фаъолияти самарабахши онҳо вобастагии ҷиддӣ дорад.

Доктринаи миллии таҳсили техникӣ ба сифати яке аз принсипҳои ташаккули талабот ба фаъолияти техникии мутахассиси оянда, инчунин мундариҷаи таҳсилоти техникӣ тамоюли ахлоқӣ-гуманитариеро мепазирад, ки он таваҷҷуҳи хосаро ба мушкилоти дорои аҳамияти умумиинсонӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ба таҳлили масъулияти ахлоқӣ ва иҷтимоии

мутахассисони ояндаи техникӣ барои фаъолияти касбии онҳо пешбинӣ мекунад.

Донистани забони хориҷӣ ҳамчун воситаи муошırати байнифарҳангӣ бе азхудкунии мувозии фарҳанги дахлдор номумкин аст. Аз ин сабаб раванди таълимро тавре бояд ташкил дод, ки забони хориҷӣ ҳамчун хориқаи (феномени) фарҳанги миллӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, навъи хосаи салоҳият – салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ тавҷеҳ карда шавад ва дар натиҷаи ниҳоӣ муошırати комили байнифарҳангӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ таъмин гардад.

Ба андешаи муаллифи диссертатсия, тибқи таҳлили адабиёти психологӣ-педагогӣ, бо вуҷуди як силсилаи томи асарҳо бахшида ба пажуҳиши ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ то ҳол таҳқиқоти бунёдӣ дар мундариҷа ва таркиби падидаи иҷтимоию фарҳангии мавриди таҳқиқ амиқан нокифоя омӯхта шудаанд. Ҳамаи ин мубрам будани коркарди назариявӣ ва амалии масъалаҳои марбут ба ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникиро тасдиқ менамояд.

**Мақсади таҳқиқ** аз коркарди назариявӣ ва санҷиши озмоишии модели ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар самарабахшии технологияҳои педагогӣ зимни таълими забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои техникӣ иборат аст.

**Объекти таҳқиқро** раванди инкишофи салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии техникӣ бо истифодаи технологияҳои педагогии таъминкунандаи таълими тамоюли касбии забони хориҷӣ ташкил медиҳад.

**Мавзӯи таҳқиқ** раванди ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён зимни таълими забони хориҷӣ дар муассисаи таҳсилоти олии техникӣ мебошад.

**Фарзияи таҳқиқ.** Ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии техникӣ ба шарте таъмин шудан метавонад, ки агар мундариҷаи фарҳангшиносии таълими тамоюли

шахсиятии забони англисӣ дар асоси интегративӣ (байнифаннӣ) ба роҳ монда шавад, ба талаботи коммуникативӣ-маърифатии донишҷӯён мувофиқат намояд ва технологияҳои интихобкардашудаи педагогӣ ба фароҳамсозии муҳити фаъолиятмандӣ, интерактивӣ ва шахсиятинкишофдиҳандае, ки ғанигардонии фарҳангии амалияи нуткро таҳрик мебахшад, мусоидат кунад.

Бо назардошти мақсад, объект, предмет ва фарзияи илмии дар пеш гузошташуда **вазифаҳои зерини таҳқиқ** муайян карда шудаанд:

1. Ошкор сохтани хусусиятҳои хоси заминаҳои тахассусӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии мундариҷаи фаъолияти ояндаи касбии донишҷӯён, ки ба ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ҷараёни таълими муошırати ғайризабонӣ таъсир мерасонанд.

2. Тавзеҳ додани мафҳум, сохтор ва мундариҷаи салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ бо баҳисобгирии тахассусӣ ва ҷанбаи байналмилалии мутахассисони ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ.

3. Коркард намудани ҳадди ақали мундариҷаи фарҳангшиносии таълими тамоюли шахсиятии забони хориҷӣ, ки ба ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён мусоидат мекунад.

4. Дар таълими таҷрибавӣ интихоб кардан, аз лиҳози илмӣ асоснок намудан ва санҷидани технологияҳои педагогӣ ва модели ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии техникӣ, ки ба таълими тамоюли шахсиятии забони англисӣ мусоидат мекунанд ва ба ташаккулёбии салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён таҳрик мебахшанд.

Саҳми шахсии унвонҷӯ инчунин дар коркард ва амалигардонии семинари махсус роҷеъ ба мавзӯи «Муошırати касбии мутахассиси техникӣ аз забони хориҷӣ», ки ба таълими муошırати касбии донишҷӯёни донишгоҳҳои техникӣ аз забони хориҷӣ равона карда шудааст, дар интихоби методҳо ва тарзу усулҳои таълим бо мақсади педагогикунонии кулли раванди таҳсилоти касбӣ, дар амалигардонӣ ва роҳнамоии бевоситаи кори таҷрибавӣ-

озмоишӣ, дар мустақилона ба анҷом расонидани рисолаи диссертатсионӣ ва мақолаҳои интишоршуда зоҳир мегардад.

Навоварии илмӣ ва аҳамияти назариявии таҳқиқ дар нуктаҳои зерин ифода ёфт:

1. Дар илми педагогика ва таърихи маорифи Тоҷикистон методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар ҷараёни таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ чун падидаи нав омӯхта шуд.

2. Қавоиди консептуалии равияи ба шахсият нигаронидашудаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар шароитҳои бисёрзабонии муассисаи таҳсилоти олии техникӣ коркард карда шуданд.

3. Проблемаи омодагардонии мутахассисони ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ барои ҳамкорӣ дар заминаи коммуникатсияи байнифарҳангӣ коркард карда шуд.

4. Моҳият ва сохтори салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён зимни таълими муоширати ғайризабонӣ дар муҳити бисёрзабонӣ муайян карда шуд, қисматҳои он (забонӣ, коммуникативӣ, мавзӯӣ, тамоюли шахсиятӣ, таълимӣ) ҷудо карда шуданд, иҷрои мундариҷавии онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

5. Заминаҳои ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар шароитҳои бисёрзабонии муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ муайян карда шуданд.

6. Модели ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар самаранокии технологияҳои педагогӣ зимни таълими муоширати ғайризабонӣ коркард карда шуд.

7. Низоми санҷиши ташаккулёбии салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии мутахассиси ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ, ки меъёрҳои фарҳангшиносӣ, коммуникативӣ, касбӣ ва шахсиятӣ-арзишӣ, инчунин нишондодҳои аз рӯйи ҳар меъёр мураттабшударо фаро мегирад, пешниҳод карда шуд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ** аз он иборат мебошад, ки дар диссертатсия дар асоси талабот ба мутахассиси ояндаи муассисаи таҳсилоти олии техникӣ модели ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён ҷиҳати самарабахшии технологияҳои педагогӣ ҳангоми таълими муошират ғайризабонӣ коркард карда шуд: банизомдарории мақсадҳо, вазифаҳо ва маҷмӯи принсипҳо, мундариҷаи таълим, шароитҳои педагогӣ, давраҳои таҳқиқоти озмоишӣ ва меъёрҳо барои арзишдоварии маҳоратҳо ва малакаҳои ташаккулёфта гузаронда шуд. Модели коркардшуда барои бавуҷудоварии асоси назариявии омодасозии донишҷӯён ва самаранокии технологияҳои педагогӣ зимни таълими муошират ғайризабонӣ, ки ба татбиқгардонии он дар ҷараёни таълими тамоюли шахсиятии забони хориҷӣ мусоидат мекунад, хидмат менамояд.

**Аҳамияти амалиявии таҳқиқро** модели пешниҳодшудаи аз лиҳози назариявӣ асоснок ва ба таври озмоишӣ санҷидашудаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии мутахассисони ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ ҷиҳати самаранокии технологияҳои педагогӣ ҳангоми таълими муошират ғайризабонӣ, ки барои ҳалли вазифаи баландбардории самаранокии ташкили раванди таълими забони хориҷӣ мавриди истифода қарор мегирад, иборат мебошад. Барномаи таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии коркарднамудаи муаллиф барои ташаккулдиҳии салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ, ки аз вазифаҳои ҳар давраи таълим ва қисматҳои мавзӯӣ тибқи ҳар давра таркиб ёфтааст, ба мураттабгардонии донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои забонии муҳассилин ва салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии онҳо нигаронида шудааст. Маҷмӯъҳои таълимӣ-методӣ (МТМ), ки барнома, силлабус ва мундариҷаи курси «Забони англисӣ барои муассисаи таҳсилоти олии техникӣ»-ро фаро мегиранд, коркард карда шуданд. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои кори диссертатсионӣ метавонанд ба сифати коркард оид ба ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар давраи аввали таълими тамоюли шахсиятии забони хориҷӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ истифода бурда шаванд.

Рисолаи диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Муҳтавои диссертатсия дар 169 саҳифаи чопи компютерӣ инъикос гардидааст. Дар матн 9 ҷадвал, 1 диаграмма ва 1 расм мавҷуд буда, рӯйхати адабиёт 203 номгӯйро фаро мегирад.

Дар муқаддима перомуни мақсаду вазифаҳои кор ва методҳои таҳқиқ сухан рафта, унвонҷӯ аппарати илмии рисоларо возеҳу равшан баррасӣ намудааст.

**Дар боби аввал** «Асосҳои назариявии ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ» муносибатҳои асосӣ дар омӯзиши мафҳумҳои «салоҳият», «салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ» таҳлил карда шудаанд, моҳият, сохтор ва мазмуни салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ мушаххас карда шуда, асосҳои педагогии ташаккулёбии салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар ҷараёни омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои техникӣ баррасӣ карда шудаанд; муносибати шахсиятӣ-фаъолиятмандӣ ба ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар муҳити этникӣ-фарҳангӣ ва омодасозии мутахассисони ояндаи техникӣ ба ҳамкорӣ дар заминаи равобити байнифарҳангӣ маълум карда шудааст. Мафҳуми салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳамчун огоҳӣ аз заминаи иҷтимоӣ-фарҳангии истифодаи забон қиёсан дар замони начандон дур ба дастгоҳи мафҳумии назарияи таълими забони хориҷӣ ворид шуд, аммо масъалаҳои таълими фарҳанги гайризабонӣ кайҳо боз мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Мутахассиси муосирӣ муассисаи таҳсилоти олии техникӣ, ки на танҳо бо фарҳанги худӣ, балки инчунин бо фарҳанги халқи дигар ошност ва шахсияте дар бархӯрдгоҳи фарҳангҳо мебошад, бо сатҳи нави ҷаҳонфаҳмӣ тавсиф карда шуда, имконияти хушбахтонае дорад, ки бар болои категорияҳои миллӣ, категорияҳои арзишҳои умумиинсонӣ мулоҳиза ронад, ба ташаккули чунин ҷаҳонфаҳмӣ мусоидат намояд. Ин аст натиҷаи асоситарини ташаккулдиҳии мақсадноки салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии техникӣ.

Равняи тамоюли шахсиятӣ дар таълим ба равияи гуманистӣ дар педагогика тааллуқ дорад, ки принсипи онро такя ба омӯзиш ташкил медиҳад, на такя ба таълим. Дар маркази омӯзиш худи толибилм, рушди шахсиятии вай, маънои омӯзиш ва ҳаёт меистад. Яъне шахсияти таълимгиранда ин ҷо на ҳамчун восита, балки ҳамчун мақсад амал мекунад.

Дар маркази таваҷҷуҳи технологияҳои тамоюли шахсиятӣ шахсияти нодири комили одами рушдёбандае меистад, ки вай барои ба ҳадди ниҳоӣ татбиқ гардондани имкониятҳои худ (худактуалигардонӣ) мекӯшад, барои идроки таҷрибаи нав кушод мебошад, барои интихоби бошуурона ва масъулиятнок дар ҳолатҳои мухталнфи ҳаётӣ қобилият дорад. Дар технологияи тамоюли шахсиятии таҳсилот вожаҳое аз қабили «рушд», «шахсият», «фардият», «озодӣ», «мустақилият», «эҷодкорӣ» муҳиманд.

Диссертант барои ташкили раванди ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ ҳангоми таълими муошират бо забони ғайр модели функсионалӣ-сохториеро коркард ва татбиқ намудааст, ки қисматҳои мақсаднокӣ, мундариҷавӣ, тартиботӣ, санҷишӣ-баҳогузориро фаро мегирифт. Ҳар қисмати модел бо назардошти хусусияти ташаккули салоҳияти мазкур дар донишгоҳҳои техникӣ бо мундариҷаи том фаро гирифта шудааст. Ҳама қисматҳои модели сохторӣ-функсионалӣ паёпай ҷойгир мешаванд, якдигарро аз ҳисоби таъйиноти функсионалӣ пурра ва вобаста кунонда, зимнан раванди комили ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангиро тартиб медиҳанд.

**Дар боби дуюм** «Технологияҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими тамоюли шахсиятии забони хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ» масъалаҳои технологияҳои педагогӣ ҳамчун воситаи баландбардории сифати таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ, технологияҳои компютерӣ ҳамчун яке аз роҳҳои ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ ва санҷиши технологияҳои педагогие, ки рушди салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёнро дар таълими таҷрибавӣ таъмин мекунанд, пешниҳод карда мешавад.

Проблемаи технологияҳои педагогӣ ба қатори яке аз баҳсноктарин проблемаҳо дар методикаи муосири таълими забони хориҷӣ тааллуқ дорад. Дар асарҳои илмӣ муносибатҳои гуногун ба фаҳмиши технологияи педагогӣ марбут ба раванди таълим баррасӣ мегарданд. Мувофиқи таҳқиқот, технологияҳои педагогӣ метавонанд бо се ҷанба муаррифӣ карда шаванд: илмӣ, тартиботӣ-тавсифӣ ва тартиботӣ-таъсирӣ.

Ба ақидаи муаллифи рисолаи диссертатсионӣ, яке аз аломатҳои вижаи технологияи педагогӣ, ки онро аз методҳои анъанавӣ ва дигар методҳо тафовут медиҳанд, мақсадҳои ташхисӣ ва натиҷаҳои раванди таълиму тарбия мебошанд. Ғайр аз ин, боз чунин аломатҳо вуҷуд доранд: пешгӯишавандагии натиҷаҳои кор, пайдарҳамии дақиқи амалиёт. Пайдарҳамӣ метавонад силсилавӣ, яъне тибқи давра такроршаванда бошад. Аломати дигар, ки кафолати бадастоварии натиҷаҳои дараҷаи додашуда (ё сифат) аст, таҷдидшавии ин натиҷаҳо мебошад. Хусусиятҳои номбаршуда аломати муҳимтарини ҳамгироишаванда – идорашавандагии раванди таълиму тарбия ҳастанд.

Унвонҷӯ дар асоси таҳлили адабиёти психологӣ-педагогӣ пешниҳод кардааст, ки ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ бомуваффақиятттар мегузарад, агар шароитҳои созгори таълим ташкил карда шаванд ва технология бо истифодаи методи интерактивӣ ва маҳз истифодаи маҷмӯӣ ва давра ба давраи шаклҳои ҳархелаи машгулиятҳои интерактивӣ коркард карда шавад.

Ба андешаи муаллифи диссертатсия, моделсозии технологияи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ бо истифодаи методи интерактивӣ ва маҳз муносибатҳои субъект-субъектӣ дар байни донишҷӯ ва омӯзгор, донишҷӯ ва гурӯҳи донишҷӯён, гурӯҳҳои бо ҳам рақобатпазир ва ҳамкори донишҷӯён, донишҷӯ ва муҳити виртуалии компютерии бисёрвариант ҳамчун асбоби миёнрави ҳамкорӣ бо дигар субъект, инчунин муносибатҳои субъет-субъектии донишҷӯ ҳамчун субъект бо барномаи компютерӣ ҳамчун объект басо аҳамиятнок аст.

Ҷамъбасти озмоиши таҷрибавӣ натиҷаҳои зеринро собит намуданд: баландравии дараҷаи донишҳо ва маҳоратҳои иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён, дараҷаи таҳаммулпазирӣ ва ҳамрайъӣ, ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти

суръатноки ичтимоӣ-фарҳангӣ ва ҳамчун пайомад баландравии ташаккули салоҳияти ичтимоӣ-фарҳангӣ дар гурӯҳҳои озмоишии муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ.

Бояд қайд кард, ки Султонова С.А. аз адабиёти сершумор истифода карда, диссертатсияро бомуваффакият ба забони точикӣ ба анчом расонидааст. Диссертант доир ба ҳар як масъалаи дар рисола баррасишаванда ба фикру хулосаҳои олимон такя карда истода, мулоҳизаҳои худро низ иброз медорад.

Эътимоднокӣ ва асоснокии натичаҳои бадастовардаро таъмин мекунанд: истифодаи бунёди методологӣ ва назариявии таҳқиқот; такя ба мачмӯи методҳои назариявӣ ва тачрибавии тахқиқот, ки ба мавзӯъ ва мақсадҳои таҳқиқот созгоранд; таҳлили шароитҳо ва натичаҳои фаъолияти тачрибавӣ-озмоишӣ; тасдики қоидаҳое, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи таҳқиқот пешниҳод карда шудаанд; тафтиши маводҳои диссертатсия дар низоми таҳсилоти олии педагогӣ ва техникӣ; тачрибаи шахсии амалии касбии фаъолияти омӯзгории муаллифи диссертатсия.

Натичаҳои ба дастомада ба ихтисоси диссертатсия чавобгӯй мебошанд. Мазмун ва мӯҳтавои автореферат, маколаҳои илмии дар нашрияҳо чопшуда ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, ичрои максаду вазифаҳои дар пеш истодаи муаллиф мувофикат мекунанд.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари муваффакиятҳои зиёд баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили кор минбаъд хеле муфиданд:

1. Диссертант дар мавриди таҳқиқи ташаккули салоҳияти ичтимоӣ-фарҳангии донишчӯёни донишгоҳҳои техникӣ дар раванди таълими забони англисӣ зимни татбиқи ғояҳои педагогикаи муосир андешаи худро оид ба муҳимияти робитаҳои байнифаннӣ возеҳу равшан баён накардааст.

2. Унвончӯ қайд кардааст, ки вачҳи фаъолияти таълимӣ чандин ангезаҳоро дар бар мегирад. Вале дар рисола иброз нагардидааст, ки маҳз кадом намудҳои ангеза ба инкишофи равияи тамоюли шахсиятии донишчӯёни донишгоҳҳои техникӣ мусоидат намудаанд.

3. Чи дар матни диссертатсия ва чи дар автореферат хатоиҳои

грамматикӣ, услубӣ ва имлоию техникӣ вомехӯранд.

4. Матни русии автореферат низ таҳрирталаб аст.

Умед аст, ки унвонҷӯ дар атрофи эродҳои зикрёфта фикру андеша карда, онҳоро дар фаъолияти минбаъдаи илмиаш ба эътибор мегирад.

Мутобиқати мукаммалии таълифот дар 13 мақола инъикос ёфта, аз ҷумла 4 мақола, ки ба мавзӯи рисолаи илмӣ рабт дорад, дар нашрияҳои тақризии тавсияшудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Натиҷаҳои асосии ба дастомадаи таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинару тренингҳо васеъ баррасӣ шудаанд. Мақолаҳо мазмуну муҳтавои рисоларо пурра инъикос мекунанд.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро дар бар мегирад ва ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмӯъ, кори таҳқиқотии анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имкон додааст, ки оид ба роҳҳои самараноки ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ ба дастовардҳои нави илмӣ ноил гардад.

Вобаста ба мубрамият, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада диссертатсияи номзадӣ дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 7, 10, 11, 12, 14 ва 16 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти рақами № 505 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)» пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Султонова Сурайё Абдурашидовна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

Тақриз ба диссертатсияи Султонова Сурайё Абдурашидовна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии теҳникии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби мудири кафедраи методикаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедра 26 марти соли 2021, таҳти №8 муҳокима гардидааст.

Тақриз аз тарафи ташхисгар, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Товбаева Малуда Мусулмоновна омода карда шудааст.

**Раисикунанда**: мудири кафедраи
методикаи таълими ДДЗТ
ба номи С. Улуғзода,
н.и.п., дотсент К.Х. Гадоев

**Ташхисгарон:**
д.и.п., профессор С. Шербоев
н.и.п., дотсент М.М. Товбаева

**Котиби ҷаласа** Б. Ашурова

Имзоҳои К.Х. Гадоев, С. Шербоев, М.М.
Товбаева ва Б. Ашуроваро тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи кадрҳои
ДДЗТ ба номи С. Улугзода Ш.М. Наҷмуддинов

**Нишонӣ:**
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Тел.: +(99237)2325000; 2328730
E-mail: ddzt@ddzt.tj
Сомона: www.ddzt.tj